«Тасдиқ шудааст»
Бо Қарори Шӯрои парасторони Фонди Қарзии Хурди «ИМОН»,
Пайнавишти №4
аз «7» майи соли 2019

# НИЗОМНОМАИ
«Равзанаи бонкии исломӣ»-и Фонди қарзии хурди «ИМОН»

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1 «Равзанаи бонкии исломӣ»-и Фонди қарзии хурди «ИМОН» (минбаъд дар матн «Равзана») дар асоси Қарори Шӯрои парасторони Фонд аз «7» майи соли 2019 таъсис ёфта, мувофиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ» ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Фонди қарзии хурди «ИМОН» ва Низомномаи мазкур амал менамояд.

1.2 Номи расмии Равзана: «Равзанаи бонкии исломии Фонди қарзии хурди «ИМОН»».

1.3 Номи кӯтоҳгардида: «Равзанаи бонкии исломии ФҚХ «ИМОН»».

1.4 Маҳалли ҷойгиршавии Равзана: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 19, бинои 55.

# 2. МАҚСАД ВА ПРЕДМЕТИ ФАЪОЛИЯТ

2.1. Равзана бо мақсади дар амал татбиқ намудани фаъолияти бонкии исломӣ, ки бо Оинномаи ФҚХ «ИМОН» (минбаъд дар матн «Фонд») муайян гардидааст, таъсис дода шудааст.

2.2. Равзана дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон амалиётҳои бонкии исломии зеринро анҷом медиҳад:

- ✓ Аҳдҳо оид ба маблағгузории хурди исломӣ: додани қарзи хурди исломӣ дар шакли накдӣ ё маблағгузории хурди исломӣ (таъминшуда, таъминнашуда), аз ҷумла бидуни маҳдудияти маблағгузории истеъмолӣ ҳамчун қарзи истеъмолӣ ва ипотекӣ.

2.3. Аҳду амалиётҳои Равзана дар доираи маҳсулотҳое, ки аз тарафи Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ тасдиқ шудаанд, анҷом дода мешаванд.

2.4. Равзана ҳуқуқ дорад:

- ✓ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи андозаи қарзи хурд ба иҷораи молиявӣ (лизинг) мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ машғул шавад;
- ✓ ба муштариён хизматрасонии машваратию иттилоотӣ оид ба молияи исломӣ ва қарзи исломӣ пешниҳод намояд;
- ✓ амалиёти савдоро иҷро намояд, ки ба фаъолияти маблағгузории хурди исломӣ мувофиқ буда, мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ талаб карда мешавад ва ба шартҳои дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда ҷавобгӯ аст.

## 3. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ РАВЗАНА

3.1. Равзана бахши алоҳида дар сохтори Фонд буда, дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон пурра ё қисман амалиёти бонкии исломиро амалӣ менамояд.

3.2. Барои татбиқи фаъолият Фонд Равзанаро бо воситаҳои асосӣ, амвол, маблағи ибтидоӣ ва ҷои фаъолият таъмин менамояд.

3.3. Равзана дорои таҷҳизоти зарурии корӣ, овезаи намунавӣ, мӯҳри худ, ки дар он номи пурраи он инъикос мегардад, тамға ва бланк бо номи худ ва бо ишора ба мансубияти Равзана ба Фонд ва ҳуқуқи кушодани суратҳисоб дар ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

## 4. АМВОЛИ РАВЗАНА

4.1. Амволи Равзана аз ҳисоби воситаҳое, ки аз тарафи Фонд ба он вобаста гардидаанд ё ин ки бо асосҳои дигари қонунӣ ба Равзана дода шудаанд, инчунин дигар воситаҳои молию пулӣ, ки Равзана дар натиҷаи

фаъолияти хоҷагидории худ ба даст овардааст, ташкил карда мешаванд. Амволе, ки дар тавозуни Равзана дарҷ карда шудааст, моликияти Фонд мебошад.

## 5. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ - ХОҶАГИИ РАВЗАНА

5. 1. Равзана фаъолияти молиявӣ – хоҷагии худро, ки барои расидан ба мақсадҳои оинномавии Фонд равона карда шудааст, бо шартҳои аз тарафи Фонд муайян кардашуда ва дар Низомномаи мазкур пешбинигардида, инчунин дар ваколати ба роҳбари Равзана додашуда татбиқ менамояд.

5. 2. Ҷамъбасти фаъолияти Равзана дар ҳисоботи солонаи он, инчунин дар ҳисоботи солонаи Фонд дарҷ карда мешавад.

5. 3. Соли молиявии Равзана мувофиқи соли молиявии Фонд мебошад.

## 6. ИДОРАКУНИИ РАВЗАНА

6.1. Роҳбарии фаъолияти Равзанаро Директори Равзана ба амал мебарорад. Директори Равзана дар мувофиқа бо Шӯрои парасторон аз ҷониби Директори Фонд ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.

6.2. Директори Равзана дар асоси Низомномаи мазкур ва ваколатномаи аз тарафи Директори Фонд додашуда ва дастурамали вазифавии худ амал менамояд.

6.3. Директори Равзана:

- ✓ фаъолияти ҷории ташкилӣ ва молиявӣ - хоҷагии Равзанаро роҳбарӣ менамояд;
- ✓ кори Равзанаро ба нақша мегирад, буҷет, ҷадвали вазифаҳо, дурнамои фаъолияти молиявии Равзанаро таҳия менамояд, нишондиҳандаҳои молиявии Равзанаро таҳлил менамояд;

- ✓ кор бо кадрҳо ва интихоби онҳоро ташкил менамояд ва барои тасдиқ ба роҳбарияти Фонд пешниҳод менамояд;
- ✓ фаъолияти вобаста ба омӯзонидани кормандонро мувофиқи тартиботи дохилаи Фонд ба амал мебарорад;
- ✓ доир ба фаъолияти Равзана дар назди мақоми иҷроияи Фонд ва дар мавриди зарурат дар назди Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ ва Шӯрои парасторони Фонд ҳисобот медиҳад;
- ✓ барои сифати кори Равзана ва риояи стандартҳои фаъолият, риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон шахсан ҷавобгар мебошад;
- ✓ амволи Равзанаро тибқи тартиби муқаррар намудаи Фонд ихтиёрдорӣ менамояд;
- ✓ дар доираи ваколатҳои худ бо намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо муносибатҳои мутақобиларо ба роҳ мемонад;
- ✓ манфиатҳои Фондро вобаста ба фаъолияти Равзана дар муносибатҳои мутақобила бо судҳо, дигар ташкилотҳо, корхона ва муассисаҳо пешбарӣ менамояд;
- ✓ дар доираи ваколатҳои худ фармоиш мебарорад, ки иҷроиши онҳо аз тарафи кормандони Равзана ҳатмӣ мебошад;
- ✓ дигар амалҳоеро, ки барои ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои оинномавии Фонд ва Равзана зарур мебошанд, ба амал мебарорад.

## 7. КУМИТАИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ИСЛОМӢ

7.1. Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ (минбаъд - Кумита) ҳамчун мақоми дастаҷамъӣ ва мустақил аз тарафи Шӯрои парасторони Фонд таъсис дода мешавад.

7.2. Мақсади Кумита таъмини мутобиқати фаъолияти Равзана ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ мебошад.

7.3. Кумита барои мутобиқ будани тамоми қарору хулосаҳо, инчунин аҳдҳои (шартномаҳои) басташудаи Равзана ба стандартҳои

фаъолияти бонкии исломӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” масъул мебошад.

7.4. Кумита ҳамаи маҳсулотҳои бонкии истифодашавандаро барои Равзана тасдиқ менамояд, ба кормандони Равзана доир ба принсипҳои маблағгузории исломӣ машварат медиҳад, мутобиқати қарору хулосаҳо, аҳдҳои басташудаи Равзанаро ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ баҳо медиҳад.

7.5. Аҳду амалиётҳои Равзана бояд ба маҳсулотҳои бонкӣ ва тартибу қоидаҳое, ки аз ҷониби Кумита тасдиқ карда шудаанд, пурра мутобиқ бошанд.

## 8. БАҲИСОБГИРӢ ВА ҲИСОБОТ

8.1. Дороиҳои Равзана ҳамчун маблағи маҷмӯӣ дар тавозуни Фонд дар ҳисобҳои алоҳидаи дахлдор инъикос карда мешаванд.

8.2. Дороиҳо ва амалиётҳои худро Равзана мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ аз рӯи феҳрасти ҳисобҳои тавозунӣ, ки барои ташкилотҳои қарзии исломӣ муқаррар шудааст, дар алоҳидагӣ ба ҳисоб мегирад.

8.3. Равзана ҳамчун ташкилоти қарзии исломӣ ҳисоботи молиявӣ ва дигар ҳисоботҳои муқарраршударо мустақилона тартиб дода, ба сохторҳои дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон бо тартиби муқарраршуда пешниҳод менамояд.

8.4. Равзана ҳисоботи молиявӣ ва идоравиро оид ба фаъолият бо тартиби муқаррар намудаи мақоми иҷроияи Фонд ба Директори Фонд пешниҳод менамояд.

8.5. Номгӯ, шакл ва тартиби пешниҳоди маълумоту ҳисоботҳои Равзана ба Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ аз ҷониби Кумита муқаррар карда мешаванд.

## 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

9.1. Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо қарори Шӯрои парасторони Фонд ворид карда мешаванд.

9.2. Фаъолияти Равзана мувофиқи тартиби муқаррар намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Шӯрои парасторони Фонд қатъ карда мешавад.